# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзӯи «Шароити рушди педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология (дар мисоли омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Рисолаи мазкур дар низоми маориф раванди азнавташкилкунонии самтҳои асосии рушди соҳа, ба хусус дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро муайян месозад. Албатта ин дигаргуншавии усули интихобӣ мазмун ва мундариҷаи таълим, дар он аст, ки рушди шахсиятро дар самти эҷодкорӣ таъмин намуда, дар низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тарзҳо ва усулҳои самарабахши таълим барои амалӣ намудани фаъолияти пурсамари донишҷӯён ёрии амалӣ расонад.

Барои мутахассисони аз ҷиҳати зеҳнӣ рушдёфта, малакаҳои истифодабарии донишҳои азхудкардашуда дар ҳолатҳои гуногун, ҳалли эҷодии вазифаҳои гузошташуда зарур мебошад. Дар алоқамандӣ ба ин, накши муассисаҳои гуногуни таълимӣ (аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти олӣ) дар ташаккули қобилияти эҷодӣ, дарки фаъол ва мустақил будан баланд мегардад.

Фаъолият ҳама вакт роҳи муайяни шахсиятро инъикос менамояд, ва донистани он ба масъалаҳое вобаста аст, ки барои инсон аҳамиятнок мебошанд. Дар таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ саъю кӯшиши донишҷӯён асосан бояд ба ҳалли вазифаҳои мақсадноки барномаи таълимӣ равона карда шавад.

Дар ҳал намудани вазифаҳои гузошташуда таҳқиқоти фаъолияти таълимӣ (дарксозӣ, эҷодкорӣ ва қобилиятҳои таҳқиқотӣ) фаъолияти мустақилият дарксозии донишҷӯён, ҳамчунин коркарди воситаҳо ва тарзҳои рушд ёфтани чунин фаъолият дорои аҳамияти калон мегардад.

Дар солҳои охир раванди таълим, аниқтараш таълими химия бо як қатор мушкилот дучор шудааст. Махсусан дар хонандагон паст гардидани майлу рағбат ба фан, ки ин боиси пастшавии савияи дониш

мегардад. Ин проблема бо кам будани адабиёти илмӣ, миқдори ками воситаҳои айёнӣ ва норасогии таҷҳизоти муосир асос карда мешаванд. Дар олами муосир ҳаҷми иттилоот ба маротиба зиёд гардида, муҳассилин маводи лозимиро аз китобҳои дарсии анъанавӣ дарёфт карда наметавонанд. Аз ин лиҳоз, истифодаи захираҳои электронӣ метавонад то андозае ин мушкилотро бартараф созад.

Дараҷаи дарккунии фаъолияти муҳасилин дар дарсҳо аз он вобаста аст, ки омӯзгор дар дарс аз кадом методҳо истифода мебарад. Проблемаи таълим яке аз муҳимтарин технологияҳои педагогӣ баромад мекунад, ки пайдоиши сабабҳои қисми салоҳияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёнро дар дарсҳои химия таъмин менамояд. Ин технология ғайристандартӣ будани худро ҷалб менамояд, имкониятҳои васеи амалиро мекушояд, рушди эҷодиро қобилият мебахшад, бефаъолиятии донишҷӯёнро дар дарс бартараф намуда сифати донишро аз рӯи фан баланд мегардонад.

Мақсади корҳои таҳқиқотии унвонҷӯй дар коркарди муайян ва асоснок кардани феҳристи шароити педагогӣ доир ба ташаккулёбии фаъолияти таълимӣ – маърифатии донишҷӯён мебошад.

Фарзияи (гипотезаи) таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки ба таври самаранок аз худ намудани дониш аз фанни химия ҳамон вақт баланд мегардад, агар фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар асоси ба тартиб даровардани раванди таълим ва тасрифи таълим диққат додан ба шахсият, ба имконоти қонеъкунонии талаботи донишандӯзӣ, рушди малакаҳо ва қобилияти донишҷӯён ташкил карда шавад ва фаъолияти маърифатии донишҷӯён бо назардошти феҳристи шароити педагогӣ ҷараён гирад.

Дар назди унвонҷӯй чунин вазифаҳо гузошта шуда буданд, ҳангоми омӯзиши химия, ҳолати проблемаҳои татбиқи рушди педагогии фаъолгардонии таълимӣ-маърифатии донишҷӯён таҳлил карда шавад.

Барои ҳалли масъалаҳои гузоштташуда, унвонҷӯй чунин методҳои тадқиқотро, монанди таҳлил дар асоси омӯзиши адабиёти фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ ва методӣ; экспериментҳо дар раванди таълим истифода намудааст. Илова бар ин, боз чунин методҳо, монанди

гузаронидани суҳбат, саволу ҷавоб ва саволномаҳо (анкетаронӣ); омӯзиши имкониятҳои таҷрибаи намунавӣ ва лаборатории «анъанавӣ»-и муосир ва дигар воситаҳои айёнӣ дар раванди таълими химия балоиҳадарории методикаи таълим, ки барои беҳтаршавии раванди таълим пешбинӣ карда шудааст; банақшагирӣ, омодагӣ ва гузаронидани ҳама гуна намудҳои таҷрибаи химиявӣ (ҷустуҷӯӣ, муқаррааргардонӣ, омӯхтан, ки марҳилаи санҷишро дарбар мегирад) истифода карда шуданд.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқотҳо, унвонҷӯй таъсири истифодаи корҳои мустақилонаро барои рушди тафаккури суханронӣ ва назариявии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши химия ошкор намуд, ҳолатҳои асосии методикаи татбиқи фаъолгардониро ҳангоми омӯзиши химия, ки мақсади татбиқи ин усулҳо, таркиби маҷмӯи донишҳои назариявӣ-амалӣ, тарзҳои ташхиси бомуваффақият аз худ намудани дониши донишҷӯён мухтасар ифода намудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот дар таҳлил ва ҷамъ намудани маводи мавҷуда аз рӯи кори мазкур баён карда шудаанд, ки дар чорчубаи чунин соҳаҳои илм, монанди педагогика ва психология, муҳимияти проблемаҳои татбиқи зеҳни рушдёфта, малакаҳои истифодабарии донишҳои азхудкардашуда дар ҳолатҳои гуногун, ҳалли эҷодии вазифаҳои гузошташуда дар раванди таълим, ки на фақат барои омӯзгорони фанни химия, балки умуман барои педагогҳо фоидаовар аст.

Ҳамаи натиҷаҳои ба даст овардашуда боэътимод мебошад ва хулосаҳои кори рисолаи номзадӣ асоснок карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот муҳокима карда шудааст ва дар ҷаласаҳои семинари аспирантҳо, ҷаласаи кафедраи методикаи таълими химияи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маъқул дониста шуда, дастгирӣ ёфтааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар як қатор тезиси маърӯзаҳои илмӣ пешниҳод гардиданд, баромад дар конференсияҳои илмии минтақа ва ҷумҳурӣ (Бохтар, Кӯлоб, Душанбе), дар намуди нашри мақола, аз он

ҷумла дар маҷаллаҳои илмӣ-методии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ дарҷ гардиданд.

Тавсифи умумии кори диссертатсионии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич ин тавсифи қисмҳои назариявӣ ва амалӣ, мулоҳиза ва хулосаҳо мебошад ва онҳо дар автореферат пешниҳод карда шудааст, ки мазмуни диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Ҳисоб менамоям, ки таҳқиқотҳои диссертатсионии Бобоев Бахтиёр дар мавзӯи «Шароити рушди педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология (дар мисоли омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ)», кибарои саъйи гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маориф (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда шудааст ба талаботи ихтисос ҷавобгӯй мебошад ва мувофиқи нишондоди талаботҳо оид ба диссертатсияи номзадӣ иҷро карда шудааст ва барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Хулоса, кори диссертатсионии Бобоев Б.Ҷ. аз рӯи ҳаҷми маводҳои назариявӣ ва амалӣ, моҳият ва аҳамияти натиҷаҳо ба ҳамаи талаботҳои КАО ҶТ,ки барои ҳимояи диссертатсияи номзадӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 –Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маориф (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда шудааст, ба талаботи ихтисос ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он бешубҳа ба додани унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессор Холназаров С.

Имзои доктори илмҳои педагогӣ,
профессор С. Холназаровро
тасдиқ мекунам:
сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.